


# ВОХӮРӢ БО ХАТМКУНАНДАГОНИ МАКТАБҲОИ НОҲИЯИ ШАҲРИТУС

Имрӯз, 19-уми феврали соли 2024 вохӯрии устодони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дотсентон Гуляев Ибодулло, Шарипов Сангимурод ва Сафарзода Шоҳин бо хатмкунандагони муассисаҳои таълимии рақамҳои 1, 2, 3, 4, 44 ва Литсейи хонандагони болаёқати ноҳияи Шаҳритус дар сатҳи зарурӣ доир гардид.

Зимни вохӯрӣ бо хатмкунандагон имкониятҳои донишгоҳ муаррифӣ карда шуданд.

Хатмкунандагон дар ҷараёни суҳбат вобаста ба ихтисосҳои амалкунанда, имкониятҳои кадриву техникӣ ва шароити таълиму тарбия пурсон шуданд.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Шаҳритус бо беш аз 200 нафар хатмкунандагон суҳбат гузаронида шуд.